# МУНОСИБАТҲОИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ (ЛИЗИНГ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАР ҶАҲОН

***Сайдолимов Ғофурҷон Комилҷонович*** *– ассистенти Филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Суғд (шаҳри Хуҷанд), e-mail: sajdolimov@mail.ru*

# ЛИЗИНГОВЫЕ ОТНОШЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И МИРЕ

***Сайдолимов Гофуржон Комилжонович*** *– ассистент Филиал ГУ “Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана” в Согдийской области (город Худжанд), e-mail: sajdolimov@mail.ru*

# LEARNING LIMITS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE WORLD

***Saydolimov Gofurjon Komildzhonovich*** *–The Assistant of the Branch of the International Unversity of Tourism and Entepreneurship of Tajikistan in Sogd region (Khujand town), e-mail: sajdolimov@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иҷораи молиявӣ, лизинг, сармоягузор, бонк, қарз, ташкилоти амонатии қарзии хурд, муносибати иқтисодӣ,.*

*Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мафҳуми иҷораи молиявӣ (лизинг) ва моҳияти иқтисодии он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Асосҳои таҳаввулоти лизинг дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҷаҳон, мафҳуми қонунӣ ва иштирокчиёни он таҳқиқ карда шудааст. Пӯёи амалиётҳои лизингӣ пешниҳод карда мешавад. Дар асоси таҳлили бозори хизматрасониҳои лизингӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон дар шароити муосир дар сатҳи миёна қарор дошта вале пурра талаботи ҷамъиятиро қонеъ гардонида наметонад. Вобаста ба ин самтҳои рушди минбаъдаи лизинг пешниҳод карда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *лизинг, инвестор, финансовая аренда, банки, кредит, микродепозитная и кредитная организация, экономические отношения*

*В данной статье автор предпринял попытку подвергнуть анализу понятие лизинга и его экономическую сущность. Исследованы эволюционные основы лизинга в Таджикистан и государств мира, также понятие участники лизинговых операций. Проанализирована динамика лизинговых операций за анализируемый период. Анализ показал, что хотя лизинговые операции имеют место в экономике Таджикистан и мире, они пока не в состоянии удовлетворить спрос общества. Исходя из этого, в статье даются основные направления дальнейшего развития лизинга.*

***Key words:*** *leasing, investor, financial lease, equipment, banks, credit, micro deposit and credit organization, economic relations .*

*In this article, the author attempted to find ways the concept of leasing and its economic essence are analyzed. The evolutionary foundations of leasing in Tajikistan and the world, as well as the legal concept and participants of leasing operations, are investigated. Analyzed the dynamics of leasing operations for the analyzed period. The analysis showed that although leasing operations take place in the economy of Tajikistan and the world, they are not yet able to meet the demand of society. Based on this, the article gives the main directions for the further development of leasing.*

Аз лаҳзаҳои истиқлолиятро соҳиб шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ шудани дигаргуниҳои демократӣ дар мамлакати мо истифодаи дурусту оқилона ва натиҷабахши захира ва сармояҳо дар намуди пулӣ, яке аз масъалаҳои мубрам мебошад.

Махсусан ин дар шароити иқтисодёти бозоргонӣ дар мамлакат, таварруми асъори миллӣ, паст рафтани истеҳсолот ва дигар омилҳои манфӣ эҳсос карда мешуд. Захираҳо ва сармояҳо дар намуди пулӣ дар ин гуна шароитҳо ҳангоми бозмондан ва истифодаи ғайриимкониятбахш мунтазам арзиши худро гум мекунанд. Барои ба ин ҳол наомадан лозим аст, ки механизми самаранок истифода кардани маблағҳо ҷори шавад, зеро равандҳои гузариш дар иқтисодиёти мо дар назди корхонаҳои саноатӣ як қатор муаммоҳоро ба вуҷуд овард, ки муҳимтаринашон инҳоанд:

- ✓ чӣ тавр дар шароити болоравии рақобатнокӣ дар бозор устувор монд;
- ✓ маҳдуд шудани сигменти бозорҳои дохила ва беруна аз ҳисоби нархҳои баланди маҳсулот ва рақобатпазир набудан;
- ✓ муракабӣ ва душвории ҷустуҷӯӣ таъминкунандагони ашёи хом, маводҳои пуркунанда;
- ✓ маҳдудияти захираҳои молиявӣ.

Дигаргуниҳои соҳаи истеҳсолот ва муомилот зери таъсири пешрафти илмию техникӣ, тағйиротҳои куллии шароитҳои иқтисодии хоҷагидорӣ зарурияти ҷустуҷӯ ва ҷорӣ намудани усулҳои барои хоҷагии халқи мамлакати мо номаълуми азнавкунии базаи моддию техникӣ ва реструггуризатсияи фондҳои асосии субъектҳои ҷорикунии шаклҳои гуногуни моликиятро талаб мекунанд. Яке аз ин хел усулҳои васеъ паҳншуда лизинг маҳсуб мешавад.

Мавқеи тиҷорати лизингӣ соҳибкорӣ, пеш аз ҳама бо худи объекти лизинг муайян мешавад, ки унсурҳои асосии қисми фаъоли фондҳои асосӣ -*мошин, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигарҳоро* доро бошанд.

То ибтидои солҳои 60-ум фаъолияти лизингӣ дар мамолики хориҷа асосан дар ширкатҳои бо фурӯши чакана машғул буда, ки доимо ҷои (бино)-и худро ба иҷора мегирифтанд, ба назар мерасид.

Дар давоми се даҳсолаи охир шӯҳрати лизинг тез ва босуръат боло рафт. Ба ҷои он ки барои хариди *ҳавопаймо, компюутер ё спутник* пул қарз гирад, ширкат метавонад онҳоро ба лизинг бигиранд.

Ширкатҳои авиа ва роҳҳои оҳан миқдори зиёди таҷҳизотро ба лизинг мегиранд. Бисёр ширкатҳо мағозаҳои гуногун, бино ва анборҳоро, моликияти худро ба лизинг мегиранд.

Муҳимияти инкишофи лизинг дар Тоҷикистон, инчунин ташкили бозори лизингӣ дар ИДМ пеш аз ҳама бо шароит номувофиқи техники (таҷҳизоти кӯҳнашуда, набудани қисмҳои эҳтиётӣ, натиҷаи пасти истифодаи он ва ғайра) вобаста аст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала лизинг мебошад, ки унсурҳои амалиёти содиротӣ (савдои беруна), қарзӣ ва инвеститсиониро дар бар мегирад.

Лизинг чун соҳаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ дар хориҷа васеъ паҳн гашта, алҳол дар Тоҷикистон акнун ба он ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир шуда истодааст. Дар ҳолати тез ҷорӣ намудани лизинг бо хусусиятҳои худ метавонад импулси пурвусъат барои аз нав муҷаҳаз кардани истеҳсолот бо таҷҳизоти техникӣ, бозсозии таркиби иқтисодиёт, пур шудани бозор бо молҳои аълосифат диҳад.

Алҳол қисми зиёди корхонаҳои мо ба воситаҳои гардиш танқисӣ мекашанд. Онҳо наметавонанд фондҳои асосии худро нав кунанд, дастовардҳои пешрафти илмию техникиро ҷорӣ намоянд ва бинобар ин маҷбуранд қарз гиранд. Намудҳои гуногуни қарз мавҷуд аст: гаравӣ, зери кафолати коғазҳои қимматнок, бо кафолати миқдори муайяни маҳсулот ва моликият. Лек ба корхона ҳангоми зарарурияти азнавкунии воситаҳои асосӣ гирифтани таҷҳизот ба лизинг мувофиқтар аст. Дар ин маврид сарфаи воситаҳои корхона дар муқоиса бо қарзи оддӣ барои гирифтани воситаҳои асосӣ то 10% аз арзиши таҷҳизот дар ҳамаи мӯҳлати лизинг мерасад, ки чун қарз аз 1 то 5 солро ташкил медиҳад.

Шароити иқтисодии ҳозира дар Тоҷикистон, тибқи мулоҳизаи экспертони хориҷӣ, барои лизинг мувофиқ аст.

Шакли лизинг ихтилофҳоро байни корхонае, ки барои модернизатсия восита надорад ва бонке, ки ба ин корхона қарзро бемайлу рағбат бо дили нохоҳам медиҳад, чунки барои баргардонидани қарз кафолати зарурӣ надорад, барҳам дода, барои созиш мусоидат мекунад. Амалиёти лизинги барои ҳамаи иштироккунандагони он мувофиқ ва фоидаовар аст:

✓ як тараф қарз мегирад ва онро давра ба давра пардохт намуда, таҷҳизоти зарурӣ мехарад;

✓ дигар тараф кафолати баргардонидани қарзро то интиқоли пардохти охирин таъмин мекунад чунки объекти лизинг моликияти лизингдиҳанда ё бонке мебошад, ки амалиёти лизингиро таъмин мекунад.

Барои омӯзиш ва пайдо намудани фаҳмиш оид ба моҳияти иҷораи молиявӣ (лизинг) моро зарур аст бо истилоҳи он шинос гардем. Дар китоби Фарҳанги молия ва бонкдорӣ истилоҳи иҷораи молиявӣ (лизинг) чунин шарҳ дода шудааст: иҷораи молиявӣ – хизматрасонии амволро аз ҷониби иҷорадеҳ пешбинӣ намекунад, барои пеш аз мӯҳлат қатъ ёфтани иҷора роҳ намедиҳад ва пурра истеҳлокшаванда мебошад [1. с 515].

Дар адабиётҳои иқтисодӣ дар бораи мафҳум, моҳияти иҷораи молиявӣ (лизинг) ва муносибатҳои онро олимони иқтисодчии мамлакатамон ва ҷаҳон ақидаҳои ҳудро баён намуда барои кушода додани моҳияти онро ҳиссаи худашонро гузоштанд.

Ман фикр менамоям, ки дар шароити муосир барои инкишофи фаъолияти иҷораи молиявӣ аз тарафи Ҳукумати мамлакатамон имконятҳои васеъ дода шудааст. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакатамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003) ва якчанд барномаҳо қабул карда шудааст. Дар солҳои охир иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ҳоҷгиҳои қишлоқ омадани сармояи ҳориҷӣ ва техникаю таҷҳизотҳои замонавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Дар ҷадвали зерин пайдоиш ва инкишофи лизингро дар ҷаҳон чи тавр ба миён омадааст нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.

Инкишофи бахшҳои хизматрасониҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

| Даврахои тахаввулот | Рафтори хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) |
|---|---|
| Давраи I<br>Солҳои 1877-1952 | • Соли 1877. Пайдоиши ширкати иҷораи молиявӣ (лизинг) ширкати мобилии “Белл”<br>• Соли 1952. Ташаккулёии аввалини ширкати иҷораи молиявӣ (лизинг)-й “Юнайтед Стейс Лизинг Корпорейшн”<br>• Бахши зерин асос мешавад, ки аз бисёр ҷиҳати барои нишон додани инкишофи фаъолияти иҷораи молиявӣ (лизинг). |
| Давраи II<br>Солҳои 1952-1974 | • Инфрасохтори шаклҳои иҷораи молиявӣ (лизинг).<br>• Истефодабарии усулҳои бар зидди хӯрдашавии<br>• Дар ҷараёни инкишофи Илму фан техника таъсири ба истеҳсолӣ ва идоранамудани ҷараёни автоматкунонӣ ва механизатсиякунонӣ рӯй дод.<br>• Васеъшавии ассортиментҳо ва табақабандии маҳсулотҳо<br>• Инкишофёбии фирмаҳои хурду калон |
| Давраи III<br>Аз соли 1974 то имрӯз | • Мавҷи муфлисшавии дар мамлакатҳои ИМА ва Аврупои Ғарбӣ.<br>• Пайдо шудани технологиҳои нави муосири ҳозиразамон<br>• Аз сабаби муаммоҳои сустшавӣ ва фурӯхта танонистани |

| | |
|---|---|
| | таҷҳизотҳо аз тарафи дасгирии намудани мамлакат фаъолияти иҷораи молиявӣ (лизинг).<br>➕ Эътирофкунонии самаранокӣ бо ёрии иҷораи молиявӣ (лизинг) молиякунонӣ. |

*Таҳияи муаллиф тибқи: Дар натиҷаи омӯзиш пайнавиштони иқтисодӣ чунин ҷадвал тартиб дода шуд.*

Ҳамин тавр, қонунҳои андоз ва истеҳлок боиси инкишофи чараёни иҷораи молиявӣ (лизинг) гардид. Имтиёзҳо аз тарафи мамлакат чи қадар бисёр дода шавад ҳамин қадар фаъолияти иҷораи молиявӣ (лизинг) зуд инкишоф меёбад.

Дар охири бахши II омада роҳҳои нави асосӣ боз ҳам аз нав инкишофёбии дар соҳаи фаъолияти иҷораи молиявӣ динамикаи соҳибкорӣ тағирот ёфт.

Дар ини соҳа таъсири инкишофи Илму фан техника роли калон бозид. Дар чараёни таъсири инкишофи Илму фан техника истеҳсолӣ ва идоранамудани чараёни автоматкунонӣ ва механизатсиякунонӣ рӯҳ дод сар шуд, ин бошад албатта истеҳсолнамои айнан дасгиршавии молиявӣ ба ҳисобкунии электронӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ва дар қатори ин воситаҳои асосӣ яъне техника нақлиёт (транспорт) дар қатори ин буда, иҷораи молиявӣ объекти аввалин махсуб ёфт. Бешубҳа ин фикр сабаби истефодабарӣ аз воситаҳои асосии гарон арзиш ва айнан сабаби васеъ паҳншавии оператсияи иҷораи молиявӣ шуд. Лизинггиранда бо роҳи вақтинча аз техника истефода бурда, ба соҳиб шудани имконияти зуд ҳал намудани муаммои истеҳсолии кишоварзӣ шуд. Берун аз ин, бо туфайл иҷораи молиявӣ соҳиби исефодабарии аз техникаи илохидагина не балки аз технологияи ҷамъона ((унверсалный) ҳамаи таҷҳизотҳои техника) шуд. Васеъшавии якчанд маротиба предметҳо ва гуногунии маҳсулотҳо, нишон намудани фаъолияти босамари фаъолияти бисёр шудани ширкатҳои лизингӣ ва фирмаҳои хурду калон.

Расми 1

Таркиби пардохти лизинг.




Дар шароити муосир на фақат корхонаҳои фаъолияти соҳибкории лизингӣ, балки ташкилотҳои амонатии қарзии хурд фаъолият бурда истодааст. Дар бораи пойдоршавии фаъолияти соҳибкории лизингӣ баён кунем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал корхонаи Тоҷикагролизинг тасис ёфтааст. Агар ба таърихи ширкат назар афканем, дар бораи Тоҷикагролизинг маълумоти бештар мегирем.

Фаъолияти иҷораи молиявӣ- намуди фаъолияти инвеститсионӣ оид ба харидани амвол ва ба иҷораи молиявӣ додани он;

Ҷадвали 2.

Нишондиҳандаҳои қарзи лизингӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2012-2016

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | бо (%) | 2013 | Афзоиш бо (%) | 2014 | Афзоиш бо (%) | 2015 | Афзоиш бо (%) | 2016 | Афзоиш бо (%) |
| Ҳамагӣ қарзҳо | 5421302 | 100 | 7530991 | 138,9 | 9783195 | 129,9 | 11341660 | 115,9 | 9930049 | 87,5 |
| Ҳамагӣ лизинг | 2622 | 100 | 4090 | 155,9 | 7047 | 172,3 | 8515 | 120,8 | 9612 | 112,8 |
| Лизинги бонкӣ | 2307 | 100 | 3000 | 130 | 4595 | 153,1 | 5654 | 123 | 6369 | 112,6 |
| Лизинги ғайрибонкӣ | 315 | 100 | 1090 | 246 | 2452 | 224,9 | 2858 | 116,5 | 3219 | 112,6 |
| Ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз | 0,043 | 100 | 0,04 | | 0,047 | | 0,05 | | 0,064 | |
| Ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз | 0,006 | 100 | 0,014 | | 0,047 | | 0,025 | | 0,032 | |

*Таҳияи муаллиф тибқи: Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон , 2015.*

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 аён мегардад, ки ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар соли 2012 -5421302 сомонӣ ташкил медиҳад. Афзоиши ҳаҷми қарз дар соли 2012 -100 фоиз карда мегирем. Дар соли 2012 ҳаҷми умумии лизинг 2622, дар соли 2012 ҳаҷми умумии лизинги бонкӣ 2307ҳазор сомонӣ, ҳаҷми умумии лизинги ғайрибонкӣ дар соли 2012 -315 ҳазор сомонӣ, ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2012 - 0,043 фоиз аст, ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2012 - 0,006 фоизро ташкил медиҳад.

Аз маълумотҳои, ки қайд карда гузаштам ба мо маълум мегардад, ки ҳаҷми умумии қарз дар соли 2013-7530991 сомониро ташкил медиҳад. Афзоиши қарзи нисбат ба соли 2012 - соли Ҳаҷми умумии лизинг дар соли 2013- 4090 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии лизинги бонкӣ дар соли 2013 – 3000 ҳазор сомонӣ. Дар соли 2013 ҳаҷми умумии қарзи лизинг ғайрибонкӣ бошад 1090 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2013 - 0,0398354 фоиз аст, ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2013 - 0,0144735 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар соли 2014 - 9783195 сомонӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ҳаҷми умумии лизинг 7047, ҳаҷми умумии лизинги бонкӣ дар соли мазкур 4595 ҳазор сомонӣ, ҳаҷми умумии лизинги ғайрибонкӣ бошад 2452 ҳазор сомонӣ, ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%) нисбат ба ҳаҷми умумии қарз дар соли 2014 0,047 фоиз аст, ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) 0,047 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии қарзи лизинг дар соли 2015 - 11341660 сомониро ташкил дод. Ҳаҷми умумии қарзи лизинг дар соли 2015 – 8515 ҳазор сомонӣ аст. Дар соли 2015 ҳаҷми умумии қарзи лизмнги бонкӣ 5654 ҳазор сомонӣ аст. Ҳаҷми умумии лизинги ғайрибонкӣ дар соли 2015 – 2858 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. , ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%)

ҳаҷми қарз дар соли 2015 - 0,0469683 фоиз аст, ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2015 - 0,0469683 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар соли 2016 - 9930049 сомонӣ ташкил медиҳад. Афзоиши ҳаҷми қарз дар соли 2016 - фоиз карда мегирем. Дар соли 2016 9612 ҳаҷми умумии лизинг, дар соли 2016 ҳаҷми умумии лизинги бонкӣ 6369 ҳазор сомонӣ, ҳаҷми умумии лизинги ғайрибонкӣ дар соли 2016 – 3219 ҳазор сомонӣ, ҳиссаи низоми бонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2016 -0,064 фоиз аст, ҳиссаи ғайрибонкӣ бо (%) ҳаҷми қарз дар соли 2016 - 0,0324168 фоизро ташкил медиҳад.

Дар замони муосир дар мамлакатамон бисёр ширкатҳои бонуфузи лизингӣ мавҷуд буда аз инҳо 2 ширкати асосӣ дар рақобат аст: "Тоҷикагролизинг" ва "АСР Лизинг". Дар мамлакатамон нафақат ширкатҳои лизингӣ балки бонкҳо низ бо ин фаъолиятмашғул мебошанд. Яке аз бонки бонуфузи мамлакат ин ҶСК "Бонки Эсхата" мебошад талаботҳои ин бонк мизоҷон бояд собиқаи кории бефосила дар соҳаи кишоварзӣ дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон , давоми 12 моҳи охир дошта бошад. Мӯҳлати иҷораи молиявӣ (лизинг) 5 сол ё аз 36 - 60 моҳро дар бар гирифта мизони фоиз 16-18% мебошад. Малағи қарз бошад мизоҷон боасъори миллӣ аз 800 то 400 000 сомонӣ, бо асъори хориҷӣ бошад аз 100 $ то 5000 $ доллар ҳам накдӣ ҳам ғайринакдӣ гирифта метавонад [6].

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Осёи Марказӣ яке аз давлати пешрафтатарин мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад ширкатҳои бонуфуз асосан "Ӯзбеклизингинтернешнл", "Ӯзавиализинг", "Ӯзагролизинг", "Ӯзқишлоқхӯжаликмашлизинг", "Промзона" ва аз ширкатҳои мошинҳо сабукрав истеҳсолкунанда "DAEWOO" ва "CHEVROLET" мебошад. Асосан ширкатҳои "Ӯзбеклизингинтернешнл", "Ӯзавиализинг", "Ӯзагролизинг", "Промзона" барои ҷалби мизоҷони худ якчан чораҳои зарурирo анешида шудааст. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мӯҳлати иҷораи молиявӣ 5-8 солро ташкил мекунад, меъёри фоизи қарз 0,08-0,10 % ташкил мекунад. Худи ширкати иҷораи молиявӣ (лизингӣ) "Промзона" фаъолияти ӯ ҳело васеъ буда, барои хоҷагии қишлоқ чунин таҷҳизоти зарурӣро ба мизоҷ пешниҳод менамояд:

- Тракторҳо бо намуҳояш мини тракторҳо барои боғҳо, тракторҳои тасмачархдошта баллондор ва ғайра;
- Камбайнҳо бо намуҳояш аз ҷумла камбайни шолидарав, камбайни ғандумдарав, камбайни алафдарав, камбайни офтобпараст дарав ва ғайра;
- Барои чорводорӣ ҳам таҷҳизоти зарурӣ азҷумла таҷҳизоти ярма ва хашок майдакунак;
- Чизелҳо;
- Мошинаи достӣ;
- Трактори картошкачинӣ, сабзичинӣ;
- Прцепҳо (тиркамаҳо);
- Борона ва ғайраҳо мавҷуд мебошад [7].

Маблағҳои барои ин ширкатҳо муаммо нашуда бо хоҳиши мизоҷон таҷҳизотҳо дастрас менамояд, чунки дар субъектони хоҷагидор фермерҳо аз 100 гектар безамин фермер ҳисобида намешавад ҳатто, ки 10000 гектар заминдорҳо мавҷуд аст. Онҳо чунин ақида дорад агар ҳоҷагии қишлоқ ба пеш равад ҳама соҳаҳо ба пеш меравад хусусан саноат низ [8].

Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар ҷаҳон яке аз давлати пешрафтаистодаи ба ҳисоб меравад.Дар Ҷумҳурии Қирғизистон зиёда аз 10 ширкатҳои лизингӣ ва бонкҳо бо фаъолияти иҷораи молиявӣ машғул аст. Ширкатҳои бонуфуз ва бонкҳо инҳо: ҶС "Forteleasing", ҶС "NUR LEASING", ҶС "Leasing Group", ҶС "Халык-Лизинг" ҶС " ШС Лизинг" ҶСП «Лизинговая Компания Кыргызстан» ҶСП "«ФИНКА Банк", ҶСК «Росинбанк», ҶСП «Демир Кыргыз Интернешнл Банк», "АЙЫЛ Банк" ва ғайраҳо

мавҷуд аст. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон мӯҳлати қарзи лизингӣ 5 солро дарбар мегирад. Меъёри фоизи қарз дар ширкатҳои лизингӣ 10-20% дар бонкҳо аз 20-30% вобаста аз маҳсулоти лизингӣ бо асъори хориҷӣ ва миллӣ сом аст [4].

Федератисияи Русия дар дунё яке аз давлати калон ва ба сафи мамлакатҳоии иқтисодиёташ пуркудрат дохил мешавад. Дар Федератисияи Русия мӯҳлати қарзи лизингӣ 5-10 солро дарбар мегирад. Меъёри фоизи қарз дар ширкатҳо ва дар бонкҳо аз 8-10% вобаста аз маҳсулоти лизингӣ бо асъори хориҷӣ аст. Дар Федератисияи Русия зиёда аз 50 ширкатҳои лизингӣ ва бонкҳо бо фаъолияти лизингӣ машғул мебошад. Ширкатҳои лизингӣ «Райффайзен Лизинг», «ММБ Лизинг» и «Европлан», «Скания Лизинг», «Вольво Финанс Групп», «Даймлер Крайслер Лизинг Автомобили», «Альфа-лизинг», «Интеза лизинг», «Транс Кредит Лизинг ВЭБ-лизинг», «ВТБ24 Лизинг» , «ЛК Уралсиб, « Райффайзен-Лизинг», Гурухи ширкат «КАМАЗ-ЛИЗИНГ» – лизингбарои мошинҳои боркаш Камаз ва автобусҳо НЕФАЗ. Фольксваген Груп Финанц – лизинг барои мошинҳои сабукрав Volkswagen (Фольксваген), Audi (Ауди), SKODA (Шкода),ҶДММ «Вольво финанс сервис Восток» (ҶДММ «ВФС Восток», Volvo Financial Services) – лизинг барои мошинҳои боркаш ва техникаҳои махсус Mack, Renault Trucks, UD Trucks, Volvo Trucks, Volvo Construction Equipment, Volvo Buses, Volvo Penta и Volvo Aero, ҶДММ «МАН Файненшиал Сервисес» (MAN Financial Services GmbH ) – лизинг мошинҳои боркаш ва автобусоҳо MAN, ҶДММ «Афин Лизинг Восток» (IVECO Capital) – лизинг барои мошинҳои сабукрав Ивеко (IVECO). ҶДММ «Скания Лизинг» – лизинг барои мошинҳои боркаш Скания (SCANIA), Юникредит лизинг ва ғайраҳо [9].

Рейтинги шикатҳои лизингӣ дар ҷадвали зерин (3) оварда мешавад:

Ҷадвали 3 [5].

Рейтинги ташкилотҳои лизингӣ дар Федератисияи Русия маблағҳои ба фаъолияти соҳаи иҷораи молиявӣ (лизинг) пешниҳодшуда

| Ташкилотҳо | Хаҷми маблағҳои лизингӣ, 2021, млрд. руб |
|---|---|
| «Внешэкономбанк» | 710, 2 |
| «Внегторгбанк» | 417, 6 |
| «Сбербанк России» | 371, 2 |
| «ТФМ» | 266, 3 |
| «ГТЛК» | 216, 6 |
| «Siemens finance» | 28, 7 |

*Таҳияи муаллиф тибқи: Маълумот аз сомонаи расмии Агенти Омори Федератисияи Русия гирифта шудааст - https://www.stat.ru.*

Илоёти Муттаҳиди Амрико (ИМА) дар ҷаҳон низ аз давлати калон ҷои 2 юмро ишғол менамод ва ба сафи мамлакатҳоии иқтисодиёташ пуркудрат дохил мешавад. Дар ИМА (США) мӯҳлати қарзи лизингӣ 5-10 солро дарбар мегирад. Меъёри фоизи қарз дар ширкатҳо ва дар бонкҳо аз 5-10% вобаста аз маҳсулоти лизингӣ бо асъори миллӣ доллар аст. Асосан дар ИМА (США) ширкатҳои бонуфуз инҳо мебошад: Golodefz Trading, Security Pacific Consider, Bank Amerilase Group бо фаъолияти иҷораи молиявӣ машғул аст.

Ҷумҳурии Олмон яке аз мамлакати пешрафтатарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Олмон дар олам дар бозори мошинҳои сабукравии тамғаи худ "Мерсадерс Бенс", "Опел", "БМВ", Форкфаген" мавқеи худро ишғол менамояд. Ҷумҳурии Олмон дар Аврупо аз ҷиҳати иҷораи молиявӣ ва хизматрасонии он ҷои аввалро дар ҷаҳон ҷои сеюмро иҷғол менамояд. Дар Олмон бори аввал соли 1962 ширкати иҷораи молиявӣ Locfllease Mietfinanzierung GmbH сармояи оинномавии ширaт дар он вақт 1 млн. DM

ташкил медод. 1 январи соли 1999 аз ҷониби Ҳукумати Олмон қонун дар бораи иҷораи молиявӣ қабул карда шудааст. Дар Германия мӯҳлати қарзи лизингӣ 5-10 солро дарбар мегирад (ҷадвали 4). Меъёри фоизи қарз дар ширкатҳо ва дар бонкҳо аз 6-10% вобаста аз маҳсулоти лизингӣ бо асъори милли худ дойче марка [2].

Ҷадвали 4

Шикатҳои иҷраи молиявӣ (лизингӣ) дар Олмон

| Ширкатҳои лизингӣ оғози соли 1995 сар намуда бо фаъолияти лизингӣ машғул аст (дар млн. доллар) | | Аз хаҷми сармояи оинномавии охири соли1995 . (дар млн. доллар) | |
|---|---|---|---|
| KG Allgemeine Leasing | 3 150 | KG Allgemeine Leasing | 21 000 |
| GEFA Leasing | 3 148 | GEFA Leasing | 5 289 |
| Deutsche Leasing | 1900 | VR Leasing | 3 927 |
| VR Leasing | 1 300 | Deutsche Leasing | 3 378 |
| ALD Autoleasing | 1 163 | ALD Autoleasing | 1409 |
| GVD Leasing | 952 | Sudleasing | 1380 |

## ПАЙНАВИШТ

1. Пиров Т., Хонҷонов А., Султонов Ҳ. М. Фарҳанги молия ва бонкдорӣ-Душанбе: ЭР-граф, 2008. 515 с.
2. Сомонаи расмии Агенти Омори Ҷумҳурии Олмон - https://www.stat. gr .
3. Сомонаи расмии Агенти Омори Ҷумҳурии Қирғизистон - https://www.stat.kg.
4. Сомонаи расмии Агенти Омори Федератисияи Русия - https://www.stat.ru.
5. Сомонаи расмии Агенти Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон - https://www.stat. tj .
6. Сомонаи расмии Агенти Омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон - https://www.stat.uz .
7. Сомонаи расмии ширкати Оптимум финанс:- http://www.optimumfinance.ru/articles/lizing-v-rossii-vidy-lizingovykh-kompaniy-i-ikh-osobennosti
8. https://www.tojikagrolizing.tj.
9. https://www.ACRlizing.tj.

## SUBSCRIBE

1. Pirov T., Khonjonov A., Sultonov Kh. Finance and banking culture-Dushanbe ER-graf 2008 515 p.
2. The official website of Statistical Agency of the Repulic of Germany-https://www.stat.gr
3. The official website of Statistical Agency of the Repulic of Kirgizistan-https://www.stat.kg
4. The official website of Statistical Agency of the Repulic of Russia-https://www.stat.ru
5. The official website of Statistical Agency of the Repulic of Tajikistan- https://www.stat.tj
6. The official website of Statistical Agency of the Repulic of Uzbikistan-https://www.stat.uz
7. The official website of Optimum Finance :- http://www.optimumfinance.ru/articles/lizing-v-rossii-vidy-lizingovykh-kompaniy-i-ikh-osobennosti
8. https://www.tojikagrolizing.tj.
9. https://www.ACRlizing.tj.